## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар мавзуи «Пажуҳиши луғавӣ-маъной ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ**

Дар замони истиқлоли давлатӣ мавзуъҳои марбут ба вожашиносӣ ва қисматҳои он таваҷҷуҳи забоншиносони тоҷикро ба худ ҷалб намуда бошад ҳам, вожагони ашъори намояндагони садаи XIV - Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ ва қолибҳои калимасозии асри мазкур дар умум ва дар муқоиса бо ҳам мавриди таҳқиқи алоҳидаи забоншиносон қарор нагирифтаанд.

Илова бар ин, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни забони шеъри намояндагони адабиёти классик заминаи мусоиде барои рушди назарияи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фароҳам меорад.

Бинобар ин, Калонова Маҳина Ҷумабоевна бо навиштани диссертатсияи худ барои донишомӯзону муҳаққиқон дар риштаи забоншиносӣ имкон фароҳам меорад, ки ба сохтор ва маънои вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ шинос шаванд.

Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 - Забони тоҷикӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст вижагиҳои сохторӣ, хусусан, калимасозии сарфии исмҳо (вандҳои сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул), исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ, хусусиятҳои луғавӣ (мақоми калимаҳои асливу иқтибосӣ) ва маъноии вожагони ашъори шоирони асри XIV дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи доктории довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд.

Дар даврони истиқоли давлатӣ омӯзишу таҳқиқ дар забоншиносӣ, аз ҷумла дар соҳаи калимасозӣ шаклу мазмуни тоза пайдо кард. Дар ин давра дар навишти мақолаву диссертатсияҳои марбут ба калимасозӣ хидмати забоншиносон – Анварӣ С., Муҳаммадиев М., Саймиддинов Д., Бекмуродов М., Назарзода С., Кенджаев Ю., Маҷидов Ҳ. ва дигарон зиёд аст. Аммо таваҷҷуҳи Калонова Маҳина Ҷумабоевнаро омӯзишу таҳқиқи мавзуи муҳимму зарурӣ – вижагиҳои сохторӣ, хусусан, калимасозии сарфии исмҳо (вандҳои сермаҳсул, каммаҳсул, бемаҳсул), исмҳои мураккаби пайвасту тобеъ, хусусиятҳои луғавӣ (мақоми калимаҳои асливу иқтибосӣ) ва маъноии вожагони ашъори шоирони асри XIV дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ ба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ таҳти мушовирии доктори илмҳои филологӣ, Қосимов Олимҷон Ҳабибович кори илмӣ-таҳқиқии хубе анҷом додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар илми забоншиносии тоҷик вижагиҳои сохторӣ, хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии вожагони ашъори шоирони асри XIV дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони ватанию хориҷӣ: Г.О.Винокур, В.В.Виноградов, Л.Г.Герсенберг, Д.Т.Чхеидзе, Т.А.Чавчавадзе, П.Н.Хонларӣ, Д.Тоҷиев, Ш. Ниёзӣ, Ш. Бобмуродов, Ш.Рустамов, М.Қосимова, Д.Саймиддинов, Ф.Амонова, А.Ҳасанзода, О.Қосимов, М.Ҳ.Султон, С.Ғаниева, М. Саломов, С.Айнӣ, Э.Раҳмон, Е.Э.Бертелс, Ш.Нуъмонӣ, В.А.Капранов, А.Насриддин ва дигарон, равишҳои назариявии муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-оморӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

**Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф метавонанд дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, мисли калимасозӣ, забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, таърихи забони адабӣ, услубшиносӣ, маданияти нутқ истифода шаванд. Ҳамзамон, бахшҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд, ки ба сифати курсҳои махсус барои ихтисосҳои забони тоҷикии макотиби олии кишвар мавриди таълим қарор гиранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 31 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи доктории Калонова Маҳина Ҷумабоевна аз муқаддима, 3 боб, 53 фаслу зерфасл, рӯйхати адабиёт, 2-то замима ва 7-то ҷадвал, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми забоншиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи вижагиҳои сохторӣ, хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии вожагони ашъори шоирони асри XIV дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

**Хулосаи диссертатсияи** Калонова Маҳина Ҷумабоевна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 27 банд фароҳам омадаанд.

Дар баробари ҳама муҳассанот ва муваффақиятҳои илмию пажуҳишӣ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудию нуксонҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши автореферати диссертатсияро афзун менамояд:

1. Дар автореферат хулосаҳо дар 27 банд ҷамъбаст гардидаанд, ки ба назари инҷониб, зиёданд (автореферат, с. 47-50).
2. Диссертант доир ба ҷанбаи назариявии масоили ономастика (номшиносӣ) ва дигар масъалаҳои марбут ба ин боб маълумоти назариявии камтар додааст (автореферат, с. 24-26).

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Калонова Маҳина Ҷумабоевнаҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи доктории **Калонова М.Ҷ.** дар мавзуи **«Пажуҳиши луғавӣ - маъноӣ ва сохтории вожагони забони тоҷикӣ дар назми асри XIV (дар мисоли ашъори Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Соваҷӣ)» ба талаботи бандхои 32-35-и Тартиби додани дарадахои илмӣ, ки бо карори** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот бо карори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз **рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ** сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Н. Офаридаев

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109,
Тел.: (+992) 93 931 40 32: E-mail:

Имзои Н.Офаридаевро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Хоруғ ба номи М.Назаршоев Н.С. Саидраҳмонов

Нишонӣ: ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109,
тел: 83522 2-45-79; 2-22-48;
факс: 2 -22-48; E-mail: ksu.khorog@mail.ru

28 марти соли 2024